آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

28 майи соли 2025 Чоршанбе № 43 (15158)



e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


# ШАРИКИИ ПУРСАМАР БО ЮНИСЕФ БАЛАНД АРЗЁБӢ ГАРДИД

**27 май Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев директори иҷроияи Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) Кэтрин Расселро, ки бо сафар дар мамлакати мо қарор дорад, қабул кард.**



Масъалаҳои тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои бисёрҷанба бо ин институти пешрафтаи махсуси низоми СММ баррасӣ шуданд.

Дар оғози мулоқот роҳбари ЮНИСЕФ ба сарвари Ӯзбекистон саломи самимии Дабири кулли СММ Антониу Гутерришро расонд.

Натиҷаҳои ислоҳоте, ки дар мамлакат амалӣ мегарданд, хуб арзёбӣ шуда, барномаи миллӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқҳои кӯдакон ва тавсеаи имкониятҳои онҳо дастгирӣ гардид.

Дар солҳои охир ба сатҳи баланд баромадани ҳамкории Ӯзбекистон ва ЮНИСЕФ бо қаноатмандии том таъкид карда шуд.

Бо дастгирии созмон дар мамлакат қонун оид ба ҳифзи кӯдакон аз зӯроварӣ, ҳуҷҷатҳои стратегӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мубориза бар зидди онкологияи кӯдакона қабул карда шуданд. Ҷиҳати мубориза алайҳи пандемияи коронавирус ва рушди системаи эмгузаронӣ кумак расонида шуд.

Аҳамияти татбиқи чорабиниҳои муштарак дар соҳаи такмили қонунгузорӣ, ҷорӣ намудани механизмҳои нави нигоҳубин ва дастгирии кӯдакон, рушди низоми хидмати иҷтимоӣ ва омодасозии кадрҳо, густариши имкониятҳои истифода аз хидматҳои иҷтимоӣ ва беҳсозии сифати онҳо, таҳияи стандартҳои миллӣ, тавсеаи суғуртаи иҷтимоӣ, рушди таҳсили фарогир ва дигар самтҳои афзалиятнок қайд карда шуд.

Дар бораи қабули Барномаи нави кишварӣ, ки то соли 2030 пешбинӣ шудааст, инчунин ҳамроҳ гузаронидани як қатор чорабиниҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва пешбурди манфиатҳои кӯдакон мувофиқа ҳосил шуд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# НАҚШАҲО ДАР СОҲАИ ТАЪМИНОТИ ОБИ НӮШОКӢ БАРРАСӢ ШУДАНД

***Ба Сарвари давлатамон дар бораи корҳо ҷиҳати васеъ намудани шабакаҳои оби нӯшокӣ ва канализатсия маълумот пешниҳод гардид.***

Ин самт, ки барои сифати зиндагӣ ва саломатии аҳолӣ аҳамияти бузург дорад, пайваста густариш меёбад. Дар доираи барномаҳои иҷтимоӣ ва минтақавӣ иншооти зиёд бунёд мегарданд. Дар ҳолати кунунӣ 81 фоизи маҳалҳо бо оби нӯшокӣ таъминанд, фарогирии системаҳои обрав бошад, 20 фоизро ташкил медиҳад.

Барои соли равон кашидани 1 619 километр шабакаҳои оби нӯшиданӣ ва 521 километр шабакаҳои канализатсионӣ, инчунин сохтмон ва бозсозии 162 иншоот ба нақша гирифта шудааст. Дар натиҷа, бори аввал 715 ҳазор нафар ба оби тозаи нӯшокӣ дастрасӣ пайдо мекунанд ва 400 ҳазор нафари дигар бо хизматрасониҳои канализатсия фаро гирифта мешаванд.

Шахсони масъул оид ба ҷараёни иҷрои ин чорабиниҳо маълумот доданд.

Бо ҳамкории муассисаҳои молиявии байналмилалӣ 21 лоиҳа амалӣ мегардад. Соли равон иҷрои корҳо ба маблағи 800 миллион доллар ва ба истифода супоридани 138 иншооти обӣ дар назар аст.

Бо Бонки осиёии рушд ва Бонки рушди Олмон механизми самараноки маблағгузории пешакии лоиҳа таҳия шудааст. Ба шарофати он ки пудратчиён ва лоиҳачиён пешакӣ интихоб мешаванд, оғоз намудани татбиқи амалии лоиҳаҳо суръат мегирад. Таъкид шуд, ки минбаъд низ чунин усул дар ҳама лоиҳаҳо бояд истифода бурда шавад.

Барои рақамисозии системаи таъминоти об 125 миллион доллар аз Бонки осиёии рушд ҷалб шудааст. Дар доираи ин лоиҳа, дар зарфи панҷ сол дар иншооти бузурги обӣ ва қубурҳои асосӣ 4,8 ҳазор ҳисобкунаки «ҳушманд» ва тақрибан 3 ҳазор системаи телеметрӣ насб карда мешаванд.

Бо назардошти рушди фаъолонаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва шарикии давлативу хусусӣ дар ин соҳа, зарурати омода намудани мутахассисони ба талаботи нав ҷавобгӯ таъкид гардид.

**ЎзА.**

# САРВАЗИРИ ИТАЛИЯ БО САФАРИ РАСМӢ БА ӮЗБЕКИСТОН МЕОЯД

***28-29 май бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев Сарвазири Ҷумҳурии Италия Ҷорҷа Мелонӣ бо сафари расмӣ ба мамлакати мо меояд.***

Ҳамоиш тибқи тавофуқоте, ки дар давоми сафари расмии сарвари давлатамон ба Италия 7-9 июни соли 2023 ҳосил шудаанд, баргузор мегардад.

Дар музокироти сатҳи олӣ, ки дар шаҳри Самарқанд гузаронида мешавад, масъалаҳои таҳкими минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегии Ӯзбекистону Италия ва густариши ҳамкориҳои бисёрҷанба баррасӣ мешаванд.

Пешбурди ҳамкориҳои инноватсионӣ ва лоиҳаҳои табодули башардӯстона дар маркази таваҷҷуҳ қарор мегиранд.

Дар охир имзои як қатор созишномаҳои дуҷониба дар назар аст.

**ЎзА.**

# ЛАҲЗАЕ ДАР СУҲБАТИ МАРДИ САХОВАТПЕША

**Пазироии гарм**

***Очерк***



Акои Тӯрабекро дар ҳавлиаш пайдо кардам. Вай дар деҳаи Қалъаи Поён зиндагӣ мекунад. Баъди вохӯрӣ гуфт, ки баъди намози бомдод чун одати дерина ҳамеша рафта дарвозаро боз мекунад, то ки Худованд аз ризқу насибаашон бенасиб нагардонад. Сонӣ ин сӯ-он сӯ андак қадам мезанаду ба машқи бадан машғул мешавад ва то замоне, ки ӯро ҳамсараш – Намирадхон ба ношто даъват мекунад, рӯи бистар чорзону зада, дар ҳақи гузаштагон дуо мефиристад.

– Омад-омади шумо будааст, ки ин субҳ чашми ростам пир-пир парид. Фикр кардам, ки ё ягон меҳмони азиз хоҳад омад ва ё муждаи дигар хоҳад расид, ки тамоми рӯз табъамро болида месозад, – бо табассум ба истиқболам шитофт акои Тӯрабек.

Баъд маро ба айвони баланди сутунҳояш гулкоришуда даъват намуд, ки бо тарзи меъмории хоси сӯхиён сохта шудааст. Ҳоло дар ноҳия сохтани чунин иморатҳои баландy бошукӯҳ ба ҳукми анъана даромадааст.

Ман акои Тӯрабекро аз раъяш гардонидам.

– Шунидам, ки як боғи сердолу дарахт бунёд кардаед, ки назираш дар ин атроф нест. Агар розӣ бошед, ба ҳамон боғ рафта дар табиати кушод суҳбатамонро давом диҳем.

– Беҳтарин! Пас соҳили рӯди обаш зулол ва табиаташ хушу гуворо шуморо пазироӣ мекунад. Ҳатман хурсанд хоҳед шуд, – гуфт аз ҳарфҳоям завқ бурда.

Баъди андак сарпойин шудан мошин аз роҳи калони минтақаи Сойбозор, ки нуқтаи васли се қисмати ноҳия маҳсуб меёбад, ба тарафи рост тоб хӯрд ва лаблаби рӯд рӯ ба ҷониби боло ҳаракаташро давом дод.

Дар ҳақиқат, табиати пурафсун ва оби софу шаффофи ин ҷо барои ҳар меҳмон эҳсоси гуворо мебахшад. Ҳувайдост, ки кас худро дар канори минтақаи афсонавӣ ҳис мекунад.

Баъди тақрибан ягон километр:

– Ана ҳамин боғи мост. Он биное, ки дар тарафи рости соҳили рӯд қад афрохтааст, ба ҳайси меҳмонхона хидмат хоҳад кард, – гуфт ӯ.

Рӯ ба рӯ айвони фаршаш тахтакоришуда ва бо қолину кӯрпача моро истиқбол намуд. Ҳарчанд тасфи ҳавои моҳи май хеле баланд буд, вале дар ин ҷо якзайл насими форам мевазид ва атрофро салқинӣ мебахшид.

## Қаҳрамони мо кисту маслакаш чист?

Тӯрабек Мирзоев, ки ӯро Боботӯрабек низ ном мебаранд, соли 1966 мактаби миёнаи ба номи Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Амиралӣ Саидбековро хатм кардааст. Баъд таҳсилро дар омӯзишгоҳи тиббии Қӯқанд давом дода, соли 1968 барои адои хидмати ҳарбӣ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ даъват шудааст. Аввал дар минтақаи Кӯшкаи Туркманистон хидматро шурӯъ намуда, баъд ба яке аз қисмҳои ҳарбии шаҳри Алмаатои Қазоқистон мунтақил ёфтааст ва хидматро ба анҷом расонида, ба Ватан баргаштааст.

– Соли 1971, бозгашт, таҳсилро дар омӯзишгоҳи тиббӣ ба охир расонидам. Нахустин бор дар шифохонаи маркази совхози Сӯх, ки он вақт таҳти тасарруфи ноҳияи Риштон қарор дошт, шомили кор шудам ва 12 сол барои барқарор кардани саломатии мардум саҳм гирифтам. Сарпизишки бемористони марказӣ шодравон Парпибой Ашӯров буд. Вай марди хеле хушмуомила ва фурӯтан буда, машварату кумакашро аз ҷавонон дареғ намедошт, – мегӯяд Мирзоев.

Ба гуфтаи ӯ чаҳор сол дар шӯъбаи «ёрии таъҷилӣ» кор кард ва ду соли дигар дар шуъбаи кӯдаконаи поликлиникаи марказӣ фаъолияташро идома дод. Сонӣ, бо тақозои шароит, табдили касб намуд ва ба кори савдо гузашт.


**(Давомаш дар саҳ.2).**


# ВАЗИФАҲО ДАР СОҲАИ РОҲИ ОҲАН МУАЙЯН КАРДА ШУДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимот оид ба чораҳои рушди роҳҳои оҳан шинос шуд.***

Тибқи қарори Сарвари давлат аз 10 октябри соли 2023 ин соҳа комилан ислоҳ карда мешавад. Ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзбекистон темир йўллари» аз лиҳози ҳайат тағйир ёфта, биноҳои ғайрисоҳавӣ, қитъаҳои замин ва вазифаҳои зиёдатӣ кам карда шуданд. Дар натиҷа корхонае, ки пеш бо зарар кор мекард, соли гузаштаро бо 47 миллиард сӯм даромади соф ба охир расонд. Баъди таъсиси ширкати «Temiryo`lkargo», самарадории истифода аз вагонҳои борkаш ду баробар афзуд.

Лекин ҳанӯз имкониятҳо зиёданд. Зимни муаррифӣ вазифаҳо оид ба рушди инфрасохтор ва зиёд намудани даромадҳо нишон дода шуданд. Бахусус, иқтидори кашонидани борҳои транзитӣ пурра истифода намешаванд. Тавассути 40 фоиз зиёд кардани ин дар солҳои оянда, даромадро 2 баробар афзун намудан мумкин аст.

Масалан, бори аввал дар масири Чин – Туркия ҳаракати поездҳои боркаш ба роҳ монда шуд. Ба мамлакат поездҳои нав оварда шуда, шумораи рейсҳо сол то сол меафзоянд. Аз ин рӯ, зарурати пайваста зиёд кардани иқтидори инфрасохтори роҳи оҳан таъкид гардид.

Ин масъала бахусус, дар атрофи Тошканд муҳим аст. Ҳоло 70 дарсади борҳои берунӣ тавассути истгоҳи “Чуқурсой” интиқол меёбанд. Гоҳо барои ин чанд рӯз сарф гардида, боиси хароҷоти иловагӣ ва навбатҳо мегардад.

Бинобар ин, берун баровардани истгоҳҳои бор аз ҳудуди пойтахт, бунёди истгоҳҳои калон дар наздикии ноҳияи Янгийӯл ва Янги Тошканд пешниҳод карда мешавад. Инчунин, бунёди роҳи оҳани “Озодлик – Янгиер”, ки аз канори пойтахт мегузарад, дар назар аст. Дар натиҷа интиқоли бор дар байни водии Фарғона ва дигар вилоятҳо, бидуни воридшавӣ ба шаҳри Тошканд амалӣ мегардад.

Боз яке аз лоиҳаҳои нав роҳи Самарқанд – Ургут аст. Ҳоло корҳо оғоз ёфта, ба масофаи 7 километр милҳои оҳании роҳи оҳан гузошта шуд. Дарозии умумии хатти мазкур ҷамъ 54 километр буда, 2 вокзал, дар минтақаи иқтисодии “Ургут” 2-то истгоҳи боркашонӣ бунёд мегардад.

Ба масъалаҳои тартиби даромаданy баромадан, сифати хидмат низ диққат карданд. Аз рӯйи фароҳам овардани мусоидиҳо барои ҳаракати мусофирон, беҳсозии шароит баҳри сайёҳон, васеъ намудан истгоҳҳои нақлиётӣ вазифаҳо гузошта шуд.

Масъулон ҳамчунин, доир ба нақшаҳо оиди овардани поездҳои барқӣ, беҳсозии сифати хидматрасонӣ маълумот доданд.

**ЎзА.**

# НЕРУГОҲИ ЧОТҚОЛИ ПОЁН ЧӢ ГУНА АФЗАЛИЯТҲО ДОРАД?

***Дар кишварамон бобати зиёд кардани истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, махсусан, ҷиҳати рушди соҳаи гидроэнергетика корҳои васеъмиқёс амалӣ мешаванд. Аз ҷумла, аз ҷониби ҶС «Ӯзбекгидроэнерго» дар ҳудудҳое, ки салоҳияти бузурги гидроэнергетикӣ доранд, сохтмони неругоҳҳои барқии обӣ амалӣ мешаванд. Алҳол дар ҳудуди дарёи Чотқоли ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд тибқи Қарори Девони Вазирон «Дар бораи чораҳои татбиқи лоиҳаи сармоягузории «Сохтмони неругоҳи барқии обии Чотқоли Поён дар дарёи Чотқол» корҳои сохтмонии иншоот босуръат ҷараён дорад.***



Чанде пеш аз ҷониби ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзбекгидроэнерго» барои кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ ба майдони сохтмони неругоҳи барқии обии Чотқоли Поён пресс-тур ташкил гардид.

— Дар лоиҳаи сохтмони ин иншооти гидротехникӣ насби 4 агрегати гидротехникӣ пешбинӣ шудааст, ки ҳар кадом дорои иқтидори 22,5 МВт ҳастанд. Иқтидори стансияи электрикии обии Чотқоли Поён 90 МВт, истеҳсоли миёнаи солонаи неруи барқ 300 миллион киловатт-соатро ташкил медиҳад, яъне иқтидори стансияи электрикии обӣ дар оянда ба ҳисоби миёна соле 125 ҳазор хонадонро бо қувваи барқ таъмин хоҳад кард, – гуфт муовини аввали раиси раёсат Бегзод Амирсаидов. — Баъди пурра ба кор даромадани неругоҳ он имкон медиҳад, ки то 81 миллион метри мукааб гази табиӣ, ё 250 ҳазор тонна ангишт сарфа шавад. Сохтор ба режими гидрологӣ, объектҳои гидробиологӣ таъсир намерасонад ва ба тағйирёбии муҳити зист, инчунин ба табиат безарар мебошад.

Ҷолиби диққат аст, ки дар доираи корҳои сохтмон бори аввал дар ҷумҳурии мо ва Осиёи Миёна дар асоси технологияи нави муосир сарбанди типи бетонии фишурдашуда сохта мешавад. Баландии сарбанди бетонӣ 60 метр, дарозиаш 270 метр, бараш 7,5 метр мебошад. Ғунҷоиши обанбор 6,8 миллион метри мукааб аст.

Сохтмони ин гуна сарбанд муҳлати иҷрои лоиҳаро 2 баробар кам карда, сарфи ҳаррӯзаи оби обанборро самаранок идора мекунад.

Дар сохтмони сарбанд RCC (бетони ғалтаки фишурдашуда) истифода мешавад, яъне қисми асосии сарбанд (195 ҳазор $м^3$) аз бетони фишурдашуда иборат аст. Бартарии истифодаи бетони фишурдашуда аз он иборат аст, ки бетон дар қабатҳои хурд ҷойгир карда мешавад, то ки ҷузъҳои бетонӣ ҷудо карда шавад ва гузашти об то ҳадди имкон кам гардад, ки ин имкон медиҳад, то мошину механизмҳо дар як лаҳза аз болои қабати гузошташуда ҳаракат карда, онро ҳамвор ва фишурда кунанд.


**(Давомаш дар саҳ.4).**

# ЎЗБЕКИСТОН – ИТАЛИЯ: ШАРИКИИ СТРАТЕГИИ ДАРОЗМУДДАТ, КИ БА РУШДИ УСТУВОР НИГАРОНИДА ШУДААСТ

***28-29 май Сарвазири Италия Ҷорҷа Мелонӣ бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Ўзбекистон ташриф меорад.***

Ин сафар марҳилаи муҳими таърихӣ дар муносибатҳои Ўзбекистон ва Италия хоҳад шуд, ки аз моҳи марти соли 1992 оғоз ёфта буд. Баъд аз барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ миёни ду кишвар, дар шаҳри Тошканд Сафорати Италия ифтитоҳ ёфт ва соли 1998 Ўзбекистон намояндагии худро дар шаҳри Рим боз намуд.

Дар шаҳрҳои Флоренсия ва Милан мутаносибан аз солҳои 2021 ва 2023 ниҳодҳои консулгарии фахрии Ўзбекистон фаъолият мекунанд, ки ба таҳкими дипломатияи мардумӣ ва иқтисодӣ мусоидат менамоянд.

Дар солҳои охир муносибатҳои дуҷониба таҳаввулоти навро касб намуданд. 8-9 июни соли 2023 Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо сафари расмӣ ба Италия рафт. Дар поёни ин сафар Изҳороти муштарак оид ба истиқрори муносибатҳои шарикии стратегӣ байни ду кишвар ба имзо расид.

9-11 ноябри ҳамон сол Президенти Ҷумҳурии Италия Серҷо Маттарелла бо сафари расмӣ ба Ўзбекистон омад.

Муколамаи сиёсӣ дар сатҳи баланд пайваста дастгирӣ меёбад. Дар моҳи декабри соли 2019 ва сентябри соли 2021 вазирони корҳои хориҷии Ўзбекистон ва Италия бо сафарҳои мутақобила дидор карданд. Дар моҳи майи соли 2024 низ мулоқоти онҳо дар шаҳри Рим дар чаҳорчўби Конфронси сеюми сатҳи вазирон таҳти унвони «Италия – Осиёи Марказӣ» баргузор гардид. Қобили зикр аст, ки маҳз Рим аввалин кишвари аврупоӣ буд, ки аз соли 2019 ба роҳандозии чунин муколама дар сатҳи вазоратӣ оғоз кард.

Ғайр аз ин, идораҳои сиёсати хориҷии ҳар ду кишвар мунтазам машваратҳои сиёсӣ мегузаронанд.

Риштаҳои байнипарлумонӣ пайваста рушд мекунанд. Аз соли 2011 дар Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон гурўҳҳои парлумонии Палатаи қонунгузорӣ ва сенат оид ба ҳамкорӣ бо Палатаи вакилон ва Сенати Парламенти Италия фаъолият доранд. Соли 2012 Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ва Палатаи вакилони Парламенти Италия ба имзо расид. Дар моҳи апрели соли 2023 дар Парламенти Италия гурўҳи дўстии «Италия – Осиёи Марказӣ» низ таъсис дода шуд.

Ҳайати парлумонии Италия таҳти роҳбарии раиси Комиссияи Сенат оид ба корҳои хориҷӣ ва раиси фахрии Ассамблеяи байнипарлумонии Италия Пер Фердинандо Казинӣ дар Ассамблеяи 150-уми Иттиҳоди байнипарлумонӣ, ки 5-9 апрели соли 2025 дар шаҳри Тошканд баргузор гардид, иштирок намуд.

Ўзбекистон ва Италия ҳамчунин дар доираи созмонҳо ва иттиҳодияҳои байналмилалӣ – СММ, САҲА, ИА ва дигар ҳамкорӣ мекунанд. Италия аз кўшишҳои Ўзбекистон барои шомил шудан ба Созмони ҷаҳонии савдо ва имзои Созишнома оид ба шарикӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо Иттиҳоди Аврупо пуштибонӣ мекунад. Ҳамчунин, ҷонибҳо дар доираи муколамаи «Италия – Осиёи Марказӣ», ки ба таҳкими равобити минтақавӣ нигаронида шудааст, фаъолона ҳамкорӣ доранд.

Муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии Ўзбекистон ва Италия нишондиҳандаи рушди устувор мебошанд. Ҳаҷми савдои дуҷониба аз 172,2 миллион доллар дар соли 2017 қариб то ба 438 миллион доллар дар соли 2024 афзудааст. Ба ин раванд то андозае ба воситаи татбиқи нақшаи «бартарии бештар» дар тиҷорат, ки миёни кишварҳо амал мекунад, инчунин истифода аз низоми преференсиалии ЕМ «GSP+», ки Ўзбекистон аз соли 2021 ба он шомил шудааст, мусоидат мекунанд.

Гурўҳи кории дуҷонибаи байниҳукуматӣ оид ба масъалаҳои савдо, ҳамкории иқтисодӣ, саноатӣ ва қарзҳои содиротӣ, ки аз соли 1992 фаъолият мекунад, дар пешбурди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва густариши кооператсия миёни кишварҳо нақши муҳим мебозад.

Дар моҳи июни соли 2023, яъне дар арафаи сафари сарвари давлатамон ба Италия дар шаҳри Рим форуми соҳибкорони Ўзбекистону Италия баргузор шуд, ки дар он беш аз 200 соҳибкор ва ширкат аз ҳарду ҷониб иштирок кардаанд. Дар натиҷаи он 38 созишномаи сармоягузорӣ, 13 созишномаи ҳамкории технологӣ ва 13 шартномаи содиротӣ ба маблағи умумии 9,2 миллиард евро ба имзо расид.

Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев зимни сафараш ба Италия ҳамчунин бо роҳбарони ширкат ва ассотсиатсияҳои бузурги саноатии Италия мулоқот анҷом дод. Ин вохўрӣ дар шаҳри Милан дар шакли «мизи мудаввар» баргузор гардид.

7-8 сентябри соли 2023 вазири кишоварзӣ, соҳибихтиёрии озуқаворӣ ва хоҷагии ҷангали Италия Франческо Лоллобриджида ва муовини вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналмилалии Италия Эдмондо Чириеллӣ дар Конфронси байналмилалӣ оид ба амнияти озуқаворӣ таҳти сарпарастии ФАО дар шаҳри Самарқанд иштирок карданд. Дар моҳи октябри соли 2024 бошад, дар шаҳри Рим муовини вазири кишоварзии Ўзбекистон Алишер Шукуров бо вазири кишоварзии Италия Франческо Лоллобриджида дидор намуд.

Соҳибкорони Ўзбекистон мунтазам дар намоишгоҳҳои байналмилалии бонуфузи ҳарсола, аз ҷумла "Tuttofood" (маҳсулоти ғизоӣ, май, Милан), "Macfrut" (меваю сабзавот, май, Римини), "Simac Tanning Tech" (саноати чарм ва пойафзол, сентябр, Милан), "TTG Rimini" (саноати сайёҳӣ, октябр, Римини) ва "Artigiano in Fiera" (ҳунарҳои мардумӣ, декабр, Милан) иштирок мекунанд.

Дар Ўзбекистон 55 корхона бо иштироки сармояи Италия фаъолият доранд, ки аз онҳо 24-тояшон дорои сармояи 100-фоизаи итолиёӣ мебошанд. Дар назди Вазорати сармоягузорӣ, саноат ва савдои Ўзбекистон 9 ширкати итолиёӣ ва инчунин Палатаи савдои «Италия–Ўзбекистон» расман сабти ном шудаанд.

Бо ҷалби сармоягузорӣ ва технологияҳои итолиёӣ дар кишвари мо як қатор лоиҳаҳо амалӣ мешаванд, аз ҷумла, навсозӣ ва бозсозии шабакаҳои тақсимоти газ, роҳандозии қаторaҳои саёҳатии люксии роҳи оҳан, парвариши заъфарон дар вилояти Ҷиззах ва рушди соҳаи чорводорӣ.

Ба густариш ва тақвияти ҳамкориҳои тиҷоратӣ инчунин ифтитоҳи парвозҳои мустақими доимӣ миёни Тошканд, Милан ва Рим, ки аз моҳи марти соли 2023 оғоз шудааст, мусоидат мекунад.

Ҳамкориҳои фарҳангию инсонпарварӣ самти муҳими муносибатҳои Ўзбекистону Италия ба ҳисоб мераванд. Аз моҳи сентябри соли 1998 дар кишвари мо Ҷамъияти дўстии «Ўзбекистон – Италия» фаъолият мекунад.

Дар Ўзбекистон филиалҳои Донишгоҳи Турин ва Донишгоҳи Пиза бомуваффақият фаъолият доранд. Соли 2023 дар шаҳри Бухоро (филиали Донишгоҳи Кампания ба номи Луиджи Ванвителлӣ ифтитоҳ ёфт. Дар моҳи сентябри соли 2024 дар шаҳрҳои Тошканд, Бухоро ва Самарқанд аввалин форуми ректорҳои «Ўзбекистон – Италия» бо иштироки роҳбарони 45 муассисаи таҳсилоти олии Ўзбекистон ва 23 муассисаи таҳсилоти олии Италия баргузор гардид.

25 апрели соли 2025 дар шаҳри Самарқанд бо иштироки ректорҳои донишгоҳҳои ду кишвар суҳбати мизи мудаввар доир шуд, ки дар доираи он 6 санад дар соҳаи илм ва маориф ба имзо расид.

Соли 2024 дар Италия як қатор чорабиниҳои фарҳангӣ, ки ба Ўзбекистон бахшида шудаанд, баргузор гардид. Аз 15 апрел то 30 июни соли 2024 дар шаҳри Флоренсия ва аз 16 апрел то 30 июни соли 2024 дар Донишгоҳи «Ка Фоскари»-и шаҳри Венетсия намоишгоҳи «Ўзбекистон: авангард дар биёбон» баргузор гардид. 4-9 декабри соли 2024 дар шаҳрҳои Рим, Милан ва Виареджо Рўзҳои фарҳанги Ўзбекистон доир шуданд.

Намояндагони Италия мунтазам дар Фестивали байналмилалии мусиқии «Таронаҳои Шарқ», ки дар шаҳри Самарқанд баргузор мегардад, иштирок мекунанд. Онҳо борҳо соҳиби Гран-при ва ҷоизаи махсуси ин озмун шудаанд.

Дар навбати худ, соли 2018 дар Фестивали байналмилалии XIX филмҳои осиёии «Азиатика», ки дар шаҳри Рим баргузор шуд, филми «Тоҳир ва Зуҳро» барои саҳмгузорӣ дар рушди санъати синамои ҷаҳонӣ ва тарғиби арзишҳои умумибашарӣ бо дипломи махсус қадрдонӣ гардид.

Аз соли 2021 то 2025 панҷ сол пайдарпай, Павилони миллии Ўзбекистон дар Биенналеи байналмилалии меъморӣ ва санъати шаҳри Венетсия миёни меҳмонони итолиёӣ ва хориҷӣ бо муваффақияти калон пазируфта мешавад. 8 майи соли 2025 дар доираи Биенналеи 19-уми байналмилалии меъмории Венетсия Павилони миллии Ўзбекистон ифтитоҳ ёфт.

Ҳамкориҳои варзишӣ миёни ду кишвар низ мустаҳкам мешаванд. Дар Италия ба гўштии миллии Ўзбекистон – кураш таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мегардад. Ба ин хотир, дар Италия Академияи кураш таъсис ёфтааст. 23-24 июли соли 2024 дар шаҳри Рим Мусобиқаи байналмилалии кураш барои Ҷоми Президенти Ўзбекистон баргузор гардид, ки дар он 33 варзишгар аз 17 кишвари дунё иштирок карданд.

Дар навбати худ, дар шаҳри Тошканд Академияи футболи клуби машҳури итолиёӣ – «Ювентус» фаъолият мекунад.

Миёни федератсияҳои аспсаворӣ ва велосипедронии Ўзбекистон ва Италия низ ҳамкориҳо ба роҳ монда шудаанд.

Ҳамин тариқ, ҷонибҳо таваҷҷуҳи муштаракро ба амиқтар кардани муколама, афзоиши ҳаҷми савдои дуҷониба ва рушди мубодилаҳои гуманитарӣ нишон медиҳанд, ки ин шарикии стратегии Ўзбекистон ва Италияро ба намунаи ҳамкории созанда табдил медиҳад.

Дар ин замина, сафари дарпешистодаи Сарвазири Италия Ҷорҷа Мелонӣ ба Ўзбекистон аҳамияти махсус касб мекунад. Интизор меравад, ки он марҳилаи муҳиме дар иҷрои тавофуқоти бадастомада зимни ҳамоишҳои қаблии сатҳи олии Ўзбекистон ва Италия хоҳад буд ва ба густариши минбаъдаи ҳамкорӣ такони нав дода, ба таҳкими робитаҳои устувори байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ аз нигоҳи шарикӣ миёни ду кишвар мусоидат мекунад.

**АИ «Дунё».**



# ЯК ХОНАНДА, ЧОРДАҲ ОМЎЗГОР ВА МАКТАБЕ ДАР КАНОРИ КЎҲСОР

***Ҳамасола дар мамлакати мо миллионҳо нафар донишомўз ба мактаб мераванд. Агар гўем, ки дар байни онҳо мактабе ҳасту дар он танҳо барои як нафар хонанда дарс мегузаранд, оё бовар мекунед?***

Деҳаи Аспидухтари ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё дар канори кўҳҳо ҷойгир аст. Дар ин деҳаи хурд теъдоди хонаводаҳо хеле кам. Дар филиали мактаби ин ҷо ҳамагӣ 15 нафар таҳсил мегиранд. Дар байни ин 15 нафар як нафар хатмкунандаи синфи 11 – Муслима Тоштемирова ҳам ҳаст. Барои таълиму тарбияи ин донишомўз ҳар рўз 3-4 нафар омўзгор, мутобиқи ҷадвали ҳафтаина ҷамъ 14 нафар педагог 7 километр масофаро тай карда, дарс мегузаранд.

Ин мактаб филиали мактаби рақами 60-уми ноҳияи Китоб аст. Минтақа аз деҳаи Деҳнавиболо дар масофаи 7 километр ҷойгир мебошад. Лекин ин 7 километр роҳи одӣ набуда, тай кардани он мушкилиҳои хоса дорад. Бахусус, пас аз боришоти шадид убури роҳи кўҳӣ то ҳадде ғайриимкон мешавад.

Мактаб, ки атрофашро кўҳҳои осмонбўс иҳота карда, дар қуллаҳои онҳо ҳанўз барф хобидаасту дар канор арчазори сарсабз доранд, чун як манзараи самимии ҳаёт ба чашм мерасад.

Муслима Тоштемирова донишомўзи тавоно ва боирода аст. Ҳар рўз устодони фанҳои гуногун омада, ба вай дарс мегузаранд.

Дар назари аввал муъҷизаро мемонад. Аммо ин фидокорист. Ин садоқат ба касб аст.

Роҳ – рамзи сабр ва муҳаббат. Омўзгор Саттор Ҳабибов аз сармои зимистон парво накарда, бо сабукрави «Нива»-и худ ба роҳи кўҳӣ мебарояд. Барои таълим додани шогирдоне чун Муслима.

«Имрўз 5 соат дарс дорам. Ҳар рўз бо се-чор нафар ҳамкасбон бо навбат меоем. Барф бошад, як рўз пеш омада, ин ҷо мехобем. Як хонанда бошад ҳам, он оянда аст».

Ин суханҳо на танҳо ифодаи омўзгорӣ, балки намунаи бузурги инсонпарварӣ ва масъулиятшиносӣ мебошад.

Як донишомўз – сад умед. Муслима духтари далер аст, ки дар чашмонаш умед медурахшад, ба донишандўзӣ завқ дорад. Ҳар як дарсро бо шавқ интизор мешавад, ҳар як омўзгор ўро ба сўйи орзуҳояш қадам ба қадам наздиктар мебаранд.

– Дар деҳаи мо шифокор нест. Мехоҳам хуб хонда, духтур шавам. Баъд ба деҳа баргашта, орзуям ба мардум кумак расонидан аст, – мегўяд вай дар бораи мақсади ҳаётии худ аз таҳти дил.

Солҳо, барфҳо, дарсҳо...

11 сол – боре фикр кунед: рўзҳои боронӣ, шомҳои яхбандӣ, 7 километр роҳи канори кўҳҳои барфпўш. Ин мактаб на танҳо ба маскани мутобиқшавӣ, балки ба рамзи муҳаббат табдил ёфтааст.

Сабри бепоён, меҳнати фаровон буд, ки Муслимаро то ин рўз расонд. 24 май рўзи хатми мактаб буд.

Муслима мактабро хатм кард. Дар саҳни мактаб танҳо як донишомўз ва дар атроф садҳо дили пурумед. Устодон, падару модарон, аҳли деҳа вайро табрик мекунанд. Занг садо дод. Ин на танҳо занги хатми мактаб буд, балки оғози саҳифаи нав аст.

– На танҳо ман, балки устодонам ҳам бо ман мактабро хатм мекунанд, – гуфт Муслима бо чашмони шарбор.

Хулоса, барои як донишомўз, садҳо дили фидокор. Ин ҳикоя дар бораи садоқат ба дониш, одамгарӣ ва муҳимтар аз ҳама, оид ба як зарра меҳрест, ки дар пай тағйироти куллиро ба бор меорад.

Соли 2016 дар ҷазираи Ҳоккайдои Ҷопон барои як хонанда қатора ба роҳ монда шуд, ки дар саросари ҷаҳон ба манбаи илҳом табдил ёфта буд. Агар дар Ҷопон барои як донишомўз қатора ҳаракат карда бошад, дар деҳаи кўҳистони мо барои таълими як нафар донишомўз чордаҳ нафар муаллимони фидокор роҳҳои кўҳиро тай кардаанд. Ин ҳам як муъҷиза аст.

**Ўлмас БАРОТОВ,**
**мухбири ЎзА.**
**Суратгир: Ҷамшед НОРҚОБИЛОВ, ЎзА.**

# ЛАҲЗАЕ ДАР СУҲБАТИ МАРДИ САХОВАТПЕША

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

– Баъди ифтитоҳи филиали корхонаи пойафзорбарории Фарғона дар ноҳияи Сўх Раҳмонҷон Мўсоев ба он директор тайин шуд. Ў мудирии шуъбаи таъминоту тиҷорати корхонаро ба ман супурд. Даҳ сол дар ин корхона машғули фаъолият шудам. Вақте ки ин корхона фаъолияташро дар ноҳия қатъ намуд, ба маҷмаи саноати аграрӣ гузаштам,– мегўяд ў.

Вай дар 19-солагӣ бо ҳамдеҳааш Намирадхони шонздаҳсола издивоҷ кардааст. Падарарўсашро Олим Соттӣ мегуфтаанд ва солҳои дароз дар собиқ ноҳияи Куйбишев раиси комиҷроия шуда кор кардааст. Вай бо Мукаррамой Салимова ном духтари ғиждувонӣ хонадор шудааст.

Ба гуфтаи акои Тўрабек падарарўсаш бо Мукаррамой зимни таҳсил дар мактаби ҳизбии шаҳри Тошканд вохўрдаанд ва ба муҳаббати ҳамдигар сазовор шудаанд. Аммо Мукаррамой медонист, ки чаҳор бародараш ба ин издивоҷи ў ҳаргиз розӣ нахоҳанд шуд. Мукаррамой Салимова бо устод Садриддин Айнӣ қаробати хешу таборӣ доштааст. Ў рустӣ бо Олим Соттӣ издивоҷ мекунад ва ба Сўх меояд. Ўро бародарон дар Тошканд хеле ҷустуҷў намуда, ахиран ноумед мешаванд ва баъди солҳо ҷустуҷўро қатъ мекунанд. Онҳо баъди 33 сол аз зинда будани Мукаррамой бохабар мешаванд ва ўро мебахшанд. Баъд ба Сўх омада, ба дидори хоҳари худ мерасанд...

## Тўрабек – раиси ҷамоати шаҳрвандон

– Рўзе маро ба ҳокимияти ноҳия даъват карданд. Гуфтанд, ки дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қалъа интихобот баргузор мегардад ва дар байни дигарон номи ман низ ба ҳайси номзад пешбарӣ шудааст,– мегўяд ҳамсуҳбати мо.

Баъд интихобот баргузор шуда, аксарият аз номзадии ў ҷонибдорӣ карданд ва Тўрабек раиси ҷамоат интихоб шудааст. Ў чаҳор сол дар мақоми раиси ҷамоати шаҳрвандон бо масъулияти том кор кард ва барои ҳаллу фасли масъалаҳои зиёд ҷонбозӣ намуд.

– Вақте ки дар байни 1 ҳазору 20 ҷамоати шаҳрвандони вилоят озмуни «Раиси беҳтарин» ба вуқўъ пайваст, ман низ дар он ширкат намудам ва ҷойи ифтихории дуюмро ишғол кардам. Ин озмун намоиш дод, ки дар ҷамоати шаҳрвандон корҳо хеле хуб пеш мераванд, – қайд намуд ў.

Дар аснои кор муваффақ шудааст, ки барои ҷавонон як майдони варзишӣ сохта шавад. Инчунин бинои нави идораи ҷамоати шаҳрвандон ва бунгоҳи тиббии деҳ қомат афрозад. Дар ин миён иборат аз се утоқ кўдакистони нав низ сохтаву мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст.

## Дасти хайру эҳсон – мушкилҳо кунад осон

Тўрабек Мирзоев ба ҳайси яке аз шахсони саховатпешаи деҳа шинохта шудааст. Вай мактаби таҳсилоти умумии рақами 3-юм ва литсеи академии рақами 2-юмро ба шефӣ гирифтааст. Дар маросимҳои гуногун ҳамеша ба омўзгорону тарбиячиёни пешқадам туҳфаҳои гаронбаҳо месупорад ва онҳоро рағбатнок месозад. Инчунин ширкати донишомўзони пешқадами ин масканҳои таълиму тарбияро дар олимпиадаҳои фаннӣ ҳамеша таъмини молӣ менамояд.

– Фарши кўдакистони деҳаро бо қолин таъмин намудам. Ба тирезаҳои он пардаҳои лозимаро харида додам. Ҳар сол дар иди 8-Март занону духтарони кўдакистонро бо туҳфаҳои хос сарфароз мегардонам, – мегўяд қаҳрамони мо.

Муштарии азиз, корҳои хайру эҳсони ў бо ҳамин иктифо нахоҳад ёфт. Аз ҷумла, вай яке аз соҳибкорони ҷавони деҳаи Ровонро, ки бар асари бетаҷрибагӣ рў ба муфлисӣ овардааст, ба по хезондааст ва ҳоло ин соҳибкор фаъолияташро муваффақона идома медиҳад. Гузашта аз ин, акои Тўрабек ба Ф.Т. ном сокини яке аз деҳоти ноҳия, ки барои ба Ҳиндустон рафтан маблағи кофӣ надоштааст, дасти ҳиммат дароз карда, мусоидат намудааст, ки вай як гурдаашро ба духтараш мунтақил намояд. 40 миллион сўми худро дар ин роҳ эҳсон кардааст. Ба панҷоҳ нафар, ки аз шумори хонаводаҳои камбизоат ва эҳтиёҷманд маҳсуб меёбанд, мунтазам кумакҳои молӣ расонидааст.

– Мардуми зиёди деҳаи Қалъаи Поён ба оби ошомиданӣ ниёз доштанд. Аввал аз масофаи чаҳор километр тавассути лўла ба ҳавлиам об кашидам. Сонӣ тасмим гирифтам, ки аҳли маҳалларо низ бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин кунам. Ҳоло дар аксари хонаводаҳои деҳаи Қалъаи Поён оби ошомиданӣ фаввора мезанад. Ин кори савоб дар ивази 300 миллион сўм ба анҷом расид. Мардум дар ҳаққи ману писарҳоям ҳамеша дуо мекунанд, – иброз медорад Тўрабек Мирзоев.

Аз суҳбат маълум шуд, ки ба далели набудани бистару мебел ду хонаводаи камбизоати деҳа натавонистаанд тўйҳои арўсӣ барпо кунанд. Тўрабек бо ду писари худ ба кумаки онҳо шитофтааст. Баъди хариди 80 метр матоъи навъи бахмали кўрпаворӣ, ки дар ноҳия бидуни он арўс ба хонаи домод намеравад ва таъмини мебел ин тўйҳои арўсӣ бо хурсандиву шодмонӣ барпо гардидаанд. Инчунин вай ду ҳамдеҳаи худро аз нигоҳи молӣ дастгирӣ кардааст.

Вай солона ҳудуди 50-60 миллион сўм закоти мол низ медиҳад.

## Ғояи обод кардани се гектар замин чӣ тавр пайдо шуд?

– Иҷрои ҳар як нақша, ки марбути ободу обёрӣ кардани замини бекорхобида мебошад, сарф кардани маблағи қобили мулоҳизаро тақозо менамояд. Замине, ки ҳоло ба гулистони ҳақиқӣ табдил дода шуд ва дарахтон рў ба нашъунамо овардаанд, натиҷаи меҳнати ҳафтсолаи мо мебошад. Он чанд сол муқаддам аз замини сангу шағалпўш иборат буд. Ҳар сол сел меомад ва ҳама чизи пеши роҳашро рўфта мебурд. Аммо ҳоло сели калон ояд ҳам, ягон харобӣ дар пай намегузорад, зеро селроҳаи ду тарафаш бо сангҳои бузург иҳота гирифташуда сохтем ва аз ин таҳдид худрову дигаронро наҷот додем, – мегўяд акои Тўрабек.

Тавре ки вай боз тазаккур медиҳад, барои азхуд кардани ин замин, ки беш аз 3 гектарро ташкил медиҳад, тақрибан 2 миллиард сўм сарф шуд. Ҳоло боз беш аз 1 миллиард сўми дигар лозим аст, ки бинои меҳмонхона пурра такмил ва муҷаҳҳаз карда шавад, роҳи мошингарди боғ ҳамвору мумфарш гардад.

– Аввал тавассути экскаватору булдозер заминро тахту ҳамвор кардем. Баъд аз гирду атроф бештар аз ҳазор мошин хок оварда рехтем, то ки обёрӣ кардан ва парвариши ниҳолҳо имконпазир гардад. Агар решаи дарахт аз ним метр хоке, ки рўйи сангу шағал рехтаем, поён фарояд, он дарахт хушк хоҳад шуд. Ин ҳарфи мутахассисон аст, ки ба боғу токпарварӣ машғуланд,– меафзояд ҳамсуҳбати мо.

**– Ғояи обод кардани чунин ҷойи партоба чӣ тавр пайдо шуд?**

– Болои ҳамин шаху ҷарӣ, ки пеши рў мебинед, ҳавлии ману ҳамсояҳои мост. Гоҳ-гоҳ ин манзараро тамошо мекардам ва дар фикри он будам, ки чӣ тавр ба ин кор шурўъ кунам. Рўзе ба писаронам гуфтам: агар соҳили чапи рўдро обод кунем ва ба дарахтзор табдил диҳем, даромади калон хоҳад овард. Одамон рафта бо оби кашида мавзеъро почро обод мекунанд. Мо магар аз ўҳдаи ин кор баромада наметавонем? Писаронам дар ҷавоб гуфтанд, ки аз пайи кор хоҳанд шуд.

Дарвоқеъ, ин ҷо ҳоло сарсабз гардидаву баъзе дарахтон мева бастаанд. Пеши сафедорҳоро барои корҳои хурду реза истифода метавон кард.

– Падару писарҳо ба кори мушкил даст задем. Аммо азму иродаи қавӣ натиҷа дод ва ҳоло аз тамошои табиати хушу гуворо мову шумо лаззат мебарем. Ҳамту не? – ба ман рўй овард акои Тўрабек.

Дар чашмонаш эҳсоси хурсандӣ ва ифтихор медурахшид.

## Ба ҷойи охирсухан

Тўрабек Мирзоев баъди издивоҷ бо Намирадхон соҳиби се духтару ду писар ва 21 набераву 29 абера шудааст. Бештари вақташро дар ин боғ сипарӣ мекунад. Ҳолати ниҳолҳоро аз назар мегузаронад, аз қитъаҳои замин дидан карда, сонӣ ба фарзандону наберагон ҷиҳати парвариши он маслиҳату машварат медиҳад.

– Се аспи зотӣ дорем, ки ҳангоми бузкашӣ чавандозҳои худӣ савор мешаванд. Ба наздикӣ як аспамон ба 30 ҳазор доллари амрикоӣ савдо шуд. Барои ширу ҷурғот гови ҷўшо ва барои таъмини аҳолӣ бо гўшт чанд сар моли шохдор низ таҳти парвариш қарор гирифтаанд, – мегўяд Тўрабек Мирзоев.

Ширу ҷурғоти аз истеъмол зиёдатиро ба ҳақу ҳамсоя медиҳанд. Дар айни ҳол мавсими даравi алаф фаро расидааст. Барои ҳамин як гурўҳ ҳашарчиҳо машғули алафдаравӣ мебошанд.

Ногуфта намонад, ки домани хайру эҳсони Тўрабек Мирзоев хосатан тайи 10 соли охир аз навиштаҳои мо низ фарохтар аст. Тавре ки мегўянд, «Дасти рост додаро набояд дасти чап донад». Аммо корҳои савоб ва хайру эҳсони як марди саховатпешаро, ки синнаш ба таги ҳаштод дакка хўрдааст, нагуфтани мо гуноҳ нест магар?

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Андешаҳо*

# ЗИҲӢ, «ХИРАДМАНД»!

Маҳфили навбатии андешаварзӣ ва зеҳнии «Хирадманд» чанде пеш дар мактаби рақами 49-и деҳаи зебоманзари Синтаб баргузор гардид. Маҳфил доир ба мазмун ва мундариҷаи китоби «Баҳористон» ва шарҳи ҳоли Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ буд.

Воқеан, Синтаб ҳамчун деҳаи сайёҳӣ имрӯз машҳури ҷаҳон гардида, бо табиати дилангези худ табъи ҳар як сайёҳро шод, рӯҳашро болида мегардонад. Деҳа дар бағали кӯҳистон воқеъ буда, табиати хос дорад. Аз дарвозаи қашанги бо усули ба худ хоси сангчинӣ бунёдгардида ба деҳаи Синтаб ворид мешавед. Дар самти рости даромадгоҳ ҳавзи сероб дар бағали кӯҳ ҳаст. Роҳ мумфарш. Ду самти роҳро боғҳои сердарахт зеб медиҳанд. Он рӯзи маҳфил табиати рангини Синтаб низ меҳмононро ба таъбире хуш пазироӣ мекард. Як рӯз аввал борон борида буд. Қуллаҳо барфпӯшу дарахтон сарсабз буданд. Саҳнаи мактаб бо овезаю маҳсулоти ҳунарҳои дастии мардумӣ хуб оро дода шуда буд. Растаҳои китоб диққати ҳозиринро ба сӯйи худ мекашиданд…

Маҳфили андешаварзӣ ва зеҳнии «Хирадманд», ки бо ташаббуси нависандаи шинохта Юнуси Имомназар арзи вуҷуд кардааст, имрӯз воқеан доман паҳн мекунад.

Дар нишасти навбатии он аз рӯйи анъана донишомӯзони даҳ мактаби кӯҳпояи Нурато аз вилоятҳои Ҷиззах ва Навоӣ иштирок намуданд. Аз натиҷаҳои он хонандаи закӣ аллакай тариқи рӯзномаи «Овози тоҷик» хабардор шуданд.

Боиси хушнудист, ки дар ҳар нишасти навбатии он китобҳои тозанашри адибон рӯнамоӣ ва ба иштирокдорони маҳфилу ихлосмандон тақдим карда мешаванд. Ин дафъа асосан ду китоб – «Даҳ пурсишу даҳ посух» ва «Ману мурғи чаман як нола дорем» пешниҳод гардиданд. Китоби якум як маснавии ҳамном ва ашъори шоири шинохта Паймонро фаро мегирад. Китоби дуюм ба қалами шоири маъруф Абдулло Субҳон тааллуқ дошта, дубайтиҳои ӯро дар бар гирифтааст.

Ин ҷо бояд зикр кард, ки таваҷҷуҳи шахсони олиҳиммат ба рушду ривоҷи адабиёт меафзояд. Онҳо барои то ба хонандагон расидани асарҳои шоирону нависандагон саҳм мегиранд. Узви раёсати Маркази миллию фарҳангии «Ориёно»-и шаҳри Тошканд Мурод Махсудов 200 дона китоби «Даҳ пурсишу даҳ посух»-ро харидорӣ намуда, ба донишомӯзон ва китобхонаҳои мактабҳои кӯҳпояи Нурато ҳадя намуд. Ин амалест боиси таҳсин ва пайравӣ. Зеро маҳз китоб «қуфлкушои ҳама дарҳо» мебошад. Ба иштирокдорон – донишомӯзоне, ки дар маҳфил иштирок мекунанд, ҳамеша китобҳо ва маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» тақдим карда мешаванд.

Забон рукни асосии миллат аст. Пайдост, ки имрӯз сафи китобу рӯзномаву маҷаллахонон хеле костааст. Ҳол он ки маҳз онҳо манбаи асосии рушду нумӯъ ва ташаккули забон мебошанд. Ин раванд асосан ба вазифаи мактаб табдил ёфтааст. Имрӯз миқдори мактабҳо ба забони тоҷикӣ кам, вазъи кӯдакистонҳо ҳам хуб нест. Ин ҳолат боиси косташавии забон мегардад. Забони адабӣ ба забони шевагӣ мубаддал мешавад. Бисёр шоҳид шудаем, ки намояндагони ду деҳаи аҳолиашон ҳамзабон шеваи ҳамдигарро фаҳм накарда, ба забонҳои дигар муошират мекунанд.

Маҳфили «Хирадманд» дар ҳаллу фасли чунин мушкилот мавқеи муҳим пайдо мекунад. Дар ҳудуди хурд бошад ҳам, ба ташаккули забони модарӣ саҳм мегирад. Толибилмонро ба хондани китобу рӯзномаву маҷаллаҳо ҳавасманд ва роҳнамун мекунад. Ҳар як иштибоҳи хонандаи иштирокдори маҳфил аз ҷониби дастаи ҳакамон шарҳу эзоҳ дода мешавад. Дар маҳфил натанҳо толибилмон, тамошобинони зиёд низ иштирок мекунанд, ки аз ин шарҳу эзоҳот бебаҳра намемонанд.

Аллакай ба мушоҳида расид, ки «Хирадманд» натанҳо ба рушду нумӯи забони модарӣ, балки ба тарғиби осори адибони бузурги адабиёти тоҷик низ саҳмгузор аст. Иштироки дастаи мактаби рақами 35-уми ноҳияи Нурато, ки он ҷо таълим пурра ба забони қазоқӣ аст, далели боэътимоди ин гуфта мебошад. Намояндаи дастаи он Шарора Шодимуродова дар сабқати шеърхонӣ ба забони қазоқӣ ғолиб омад ва сазовори ҷоиза гардид.

Ҷолиб аст, ки дар доираи маҳфил озмуни «Қаламкаши наврас» низ амал мекунад. Намунаҳои беҳтарини навиштаҳои наврасон дар маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» ва рӯзномаи «Ховар» ба чоп расидаанд. Ин амали нек ба сайқал додани забони хаттӣ ва шифоҳии хонандагон ва боло бурдани сатҳи фаъолияти эҷодии онҳо кӯмак мерасонад.

Дар кори маҳфили «Хирадманд» раиси Ҷамъияти милливу фарҳангии тоҷикони вилояти Ҷиззах Абдукарим Шарифов фаъолона иштирок намуда, ғолибонро бо сипоснома, китобу маҷалла ва туҳфаҳои хотиравӣ тақдир мекунад.

Бояд зикр намуд, ки ба фаъолияти «Хирадманд» ҳокимият ва дигар муассисаҳои давлатии ноҳияи Нурато таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунанд. Дар маҳфили зикршуда ҷонишини ҳокими ноҳия Шуҳрат Вафоев, мудири шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабӣ Камола Шамиева, муҳаррири рӯзномаи вилоятии «Дӯстлик байроғи» Бобоқанд Умаров, ҷонишини раиси шуъбаи вилоятии Иттиҳоди нависандагон Баҳриддин Садриддин ширкат варзиданд ва суханронӣ карданд.

Иштироки роҳбари шуъбаи ноҳиявии Оҷонсии кор бо ҷавонон Воҳид Қобилов дар ҷараёни фаъолияти маҳфил боиси таъкиди махсус аст. Ин ҷавони боғайрати нуратоӣ бори дуюм аст, ки дар маҳфил иштирок дорад ва забони тоҷикиро хуб балад аст. Маҳз бо ташаббуси ӯ саҳнаи мусобиқа бо овезаҳои ҷолиби марбута, гӯшаҳои наққошӣ ва дастовардҳои ҳунарҳои миллӣ ороиш дода мешавад. Ҳамчунин аз ҷониби шуъбаи нуратоии оҷонсӣ тамоми дастаҳои иштироккунанда бо китобу маҷалла ва туҳфаҳои хотиравӣ тақдир мешаванд.

Дар охир мехоҳем ба аъзои раёсати маҳфили «Хирадманд» як нуктаро пешниҳод кунем, ки он аз ҷониби роҳбарони дастаҳо изҳор гардид. Яъне хуб мебуд, омӯзгоре, ки шогирдонаш дар мусобиқаҳои маҳфил иштирок доранд, дар ҳайати ҳакамот набошад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

**Рӯзи шанбеи гузашта – 24-уми май дар як ҳазору 291 мактаби таҳсилоти ҳамагонии вилоят, аз ҷумла дар мактаби рақами 10-уми деҳаи Хоҷа Аҳрори Валии ноҳияи Самарқанд низ зери шиори «Илм – шарафи бузург!» тадбири пуршукӯҳи фарҳангӣ хотирнишон гузашт.**

# БОНГИ ЗАНГИ ОХИР ОҲИСТА ШАВ…

Аз субҳи солеҳон писаракону духтаракон, падарону модарон бо табъи болида ва гулдастаҳои тару тоза дар даст фавҷ-фавҷ рӯ ҷониби таълимгоҳ оварданд, ки саҳни он қаблан идона зебу зиннат ёфта буд.

Ақрабаки соат ба 8 наздик гардид ва бо «хайра мақдам» гуфтани баранда мадҳияи давлатӣ танинандоз шуд.

Сипас Табрикоти самимонаи Президент Ш. Мирзиёев ба хатмкунандагони мактабҳои мамлакатамон хонда шуд.

Роҳбари мактаб, Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон Холида Шамсиддинова таъкид намуд, ки ҳоло дар боргоҳи дониш 3 ҳазору 329 нафар хонанда таълиму тарбия гирифта, ба онҳо 158 нафар омӯзгорони соҳибтаҷриба сабақ медиҳанд.

Боиси хушнудист, ки имсол 135 нафар синфи 11-умро хатм карда, аллакай панҷ нафар ба мактабҳои олии бонуфузи Англия, Ҷопон, Куриёи Ҷанубӣ ва Русия қабул шудаанд.

– Соли гузашта мактаби мо дар рӯйхати дохил шудан ба мактабҳои олӣ ҷойи аввалро гирифт. Натиҷаи имсол низ хуб хоҳад шуд. Зеро 18 нафар хатмкунандагони мактабамон соҳиби IELTS, яъне гувоҳномаи махсус барои дохил шудан ба мактабҳои олиро доранд, – иброз дошт Х. Шамсиддинова. – 15-уми майи соли равон сарвари давлатамон муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар ҷамъомади видеоселекторӣ оид ба таълиму тарбия назди мо – муаллимон вазифаҳои таъхирнопазир гузоштанд, ки таълим бояд босифат бошад. Ба маълумоти шумо мерасонам, ки хонандагони мактабамон дар озмуну олимпиадаи фаннӣ соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд. Чанде пеш дар озмуни вилоятӣ доир ба омӯхтани забони хориҷӣ ҷойи дувумро гирифтем. Қаблан се маротиба паиҳам ғолиб омада, роҳхат барои таҷрибаомӯзӣ ба Англия насибамон гашта буд.

Ҳоло аз он ифтихор дорем, ки талабагони мо, Манижа Муҳаммадиева аз фанни биология, Чарос Бурҳонова аз забони англисӣ, Амина Қурбонова – математика ва дигарон дар олимпиадаи вилоятӣ ба шоҳсуфаи баланд баромада, мактабамонро боз ҳам машҳур карданд.

Хонандаи синфи якум Аминабону Зоҳирова дар мусобиқаҳои варзишӣ оид ба шоҳмот дар Осиёи Ғарбӣ ҷойи савумро ишғол намуд.

Инчунин дар чорабинии мазкур ғайр аз хонандагону омӯзгорони пешқадам, падару модарони фаъол низ қадршиносӣ шуданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

*Дар нигористон*

# КӮДАКОН ДАР ҲИФЗУ ҲИМОЯ

***Дар Корвонсаройи байналмилалии фарҳангии Икуо Хираямаи Академияи бадеӣ ба муносибати Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон озмун ва намоишгоҳи расмҳои кӯдакон зери унвони «Кӯзмунчоқ–2025» баргузор гардид.***



Дар чорабинӣ кӯдакони мактаб-интернатҳои махсуси санъати вилоятҳои Қашқадарё, Намангон, Сурхондарё, Самарқанд, Ҷиззах, Сирдарё ва Ҷумҳурии Қароқалпоқистон иштирок карданд. Дар намоишгоҳ беш аз 400 асари гуногунжанри 400 нафар хонанда пешниҳод гардидааст.

Намунаҳои эҷодии кӯдакон ҷабҳаҳои гуногуни зиндагиро инъикос мекунад. Аъзои ҳайат корҳои эҷодиро баррасӣ намуда, ҷойҳои 1,2 ва 3-юмро муайян карданд. Ҷоизаи ифтихории Гран-при ба Муҳаммадмустафо Моҳирҷонов (шаҳри Тошканд) насиб кард.

Ба иштирокчиён туҳфаҳо супорида шуданд. Се нафар эҷодкор бо сертификат ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

*Дар ҷевони китоб*

# БОРИ ҚАЛАМИ ШАРИФ




Дар байни одамон гашта, бо дарду ранҷи онҳо аз наздик ошно шудан, заҳмату саъю давутози мардумро бо чашми худ дида, хулоса бароваран ва низ каму кости амалкардҳои норавои атрофиёнро пай бурда, аз онҳо бо назари интиқодӣ пайгирӣ кардан аз ҷумлаи бархурдҳои доимии эҷодкорони асил аст.

Шариф Халил нависандаест, ки аксари вақти хешро дар ҳузури мардум мегузаронад. Хеле дӯст дорад бо тарзи зиндагӣ, орзую ҳавасҳои одамон шинос шавад ва қаламиҳояшро маҳз аз дидаю ҳискардаҳои худ офарад. Ва он чӣ Шариф меофарад, на танҳо бадеъият ва назокат дорад, ҳамчунин танзомез аст, суханҳоеро бо лутфу мутоиба дар қолаби адабӣ фаро мегирад.

Ӯ дар эҷодиёти худ ба мавзуъҳое рӯ меоварад, ки тӯли солҳои зиёд доғ буда, аз ҷиҳате дили мардумро сӯзондаанд. Ҳаёти одамон бо тақозои замон ба чандин ранг сурат мегирад. Чунончи, дар замони салтанати Шуравӣ касе набуд, ки гузаштагони начандон дури худ, аз ҷумла, қозию муллоҳоро интиқод накарда бошад. Авом чунин мепиндоштанд, ки тамоми қозиҳо инсонҳои ҷоҳил, ситамгар, бадзот ва муллоҳо низ диндори ифротӣ, чаласавод, мардумфиреб ва ҳоказо ҳастанд. Онҳо инсонҳои кордону донои замони худ ҳам буданд. Муллоҳо Каломи шариф мехонданд, на танҳо қироат, балки онро аз ёд медонистанд ва инро кофӣ надониста адабиёти пешинаро мутолиа мекарданд, барои тасдиқи фикру мулоҳизаҳои худ аз «Шоҳнома», «Маснавии маънавӣ», «Хамса»-ҳо, ашъори Саъдиву Ҳофизу Камолу Бедил ва ғайра иқтибос меоварданд ва ба маврид ҷавонҳоро ба хондану омӯзиши илмҳои дигар раҳнамун месохтанд. Ҳикояи «Қурбони мулӯҳ»-и нависанда ин ҳолро дар тимсоли Мулло Абдуллоҳ хеле равшан ва муассир бозгӯ мекунад. Ба вижа, солҳои бистуму сиюми асри гузашта дар байни халқи мо хоиноне мисли Шукруллоҳи комсомол бисёр буданд. Онҳо ба мисли ангалҳои музир бештар то дили одамони зиёӣ роҳ меёфтанд ва аъмолу асрори онҳоро ифшо карда, худашонро ба мақомоти мустабид мефурӯхтанд.

Китоби тозаи Шариф Халил, ки бо номи «Дар орзуи рӯшноӣ» аз тариқи нашриёти «Китоб нашр»-и Тирмиз ба чоп расидааст, ҳамчунин қиссаи «Як шаби боронӣ», ҳикояҳои «Маро як бор модар гӯй», «Мазори Нинӣ», «Ангеза», «Ҳарза», чандин ҳикояти муҷаз ва очерку мақолаҳои адибро дарбар мегирад.

Ин муждаи баҳорӣ дар фазои адабиёти Варорӯд шоистаи истиқбол ва гӯёи идомати каломи ноби форсӣ дар ин сарзамин аст. Интишори китоби нави нависандаи хушзавқ, хабарнигори фаъоли «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё Шариф Халил ба ҳар яки мо хуҷаста бод!

**Юнуси ИМОМНАЗАР,**
**адиб.**

# «ПАДАРАШОН НАФАҲМАНД!»

Розия (ҳамсари Раҳим Ҷалил) чун актрисаи театр ва сароянда ба равнақи санъати тоҷик саҳм гузошт. Айни вақт вай дар оила вазифаҳоеро, ки ба зиммаи зан аст, чун бонуе, ки мардро мард мекунад, ба иҷро мерасонд.

Маълум, ки нависанда Раҳим Ҷалил фаъолияти мустақилонаи худро аз театр ба сифати ходими адабӣ оғоз кардааст. Баъди роҳбари шуъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагон таъин шуданаш ҳам, гуфтан мумкин, як пояш дар театр буду ҳамкориро ба ҷамоаи Театри мусиқӣ-мазҳакавии Хуҷанд, ки он вақт номи Пушкинро дошт, идома медод.

Розия баъди ношито шавҳарро бо чеҳраи кушод ба кор гусел мекард. Вале на ҳар бегоҳирӯз имкон дошт ӯро дар хона, дар дами дарвоза истиқбол намояд: вақте дами бегоҳ Раҳим Ҷалил аз кор ба хона меомад, ба ҳамсараш дар театр «рӯзи корӣ» ҳамон идома меёфт. Вай бевақтии шаб бармегашт.

Истироҳат мекард? Аз куҷо… Дӯхтудӯз, шустушӯй ва иҷрои ҳазору як кори дигари рӯзгор. Дар либосовезаки шкафи барқад либосҳои Раҳим Ҷалил ва аъзои дигари хонадон ҳамеша тоза ва озода, дарзмолхӯрда. Шавҳар ҳатто пай намебурд кай занаш аз театр баргашт ва ҷомашӯйӣ кард.

Актриса модар низ ҳаст. Парваришу калон кардани кӯдак осон? Вақте ба кор рафт, тифли худро ба кӣ мегузорад?

Актриса-модарҳо маҷбуранд бачаи хурдсоли худро ҳамроҳ ба театр баранд. Он ҷо кӣ нигоҳубин мекунад кӯдакро? Хайр, як соат нигоҳ карданаш мумкин, ду соат…

Модар-актриса ин тараф дар репетитсия ё дар саҳна нақш мебозаду ҳушу хаёлаш ба он тараф – ба кӯдак ё кӯдаконаш.

Калон кардани ду-се тифл, эҳтимол, он қадар мушкил нест. Вале актриса серфарзанд бошад-чӣ?

Розия Арслоноваи серфарзанд, дар ҳамин гуна шароит, бачаҳои худро калон кард…

Писари ӯ Муин чунин нақл карда буд:

– Мо, фарзандон, дар театр калон шудем. Бачаҳое, ки дар хона калон мешаванд, ҳар қадар хоҳанд шӯхиву бозӣ карданашон мумкин. Вале дар театр ба бачае, ки ҳамроҳи модараш омадааст, ин хел имконият мавҷуд нест. Бошад ҳам ниҳоят маҳдуд. Бо ҳазору як насиҳат баъзан розӣ мешуданд спектаклҳоро тамошо намоем. «Фарҳод ва Ширин», «Тоҳир ва Зуҳро», «Тошболтаи ошиқ»…

Вақте модарамон нақш мебозид, аз он чӣ дар пеши назарамон рӯй медод, сахт норохат шудаву ба ташвиш афтода, додзанон аз ҷой мехестем: «Ҳой, модари маро накуш! Буваҷон!!!»

Спектакл вайрон мешуд…

***

Рӯзҳои истироҳат аз дуру наздик меҳмонҳо меомаданд. Он тарафаш аз Душанбе (дӯстони ҳамқаламони Раҳим Ҷалил бо аҳли хонаводаашон), ин тараф аз Бухоро қудову пайвандон (Розия аз Қалъаи Вардонзеи ноҳияи Шофиркон буд).

Розияхонум дасту дили кушод дошт. Ташвиши қабулу гусел ӯро монда намекард. То дастархон банур шавад, худаш ба бозор метохт!

Баъди келиндор шудан корҳои хона як қадар сабук гашт. Арӯсҳои хонадон Қумриву Кимиё ба бахти Розияхонуму шавҳараш «духтар»-ҳои нағз баромаданд. Духтарҳо баробари хидмати падару модар дар меҳмондорӣ ҳаваси ҳамсоягонро меоварданд. Келинҷонҳо, ин қадар меҳмонҳоятон бисёр, мегуфтанд онҳо шӯхиомез, шумо давутоз мекунеду мо монда мешавем.

Дар байни ӯзбекон низ дӯст ва бародарони зиёд дошт Раҳим Ҷалил. Хусусан, байни ӯву адиби ӯзбек Ғафур Ғулом «қил намегузашт».

Назар ба нақли Муин, роҳи Ғафур Ғулом аз Тошканд ба Қӯқанд ба воситаи Хуҷанд буд. Ҳамсари Ғафурака (Муҳаррамахонум) хӯқандист. Вақте зану шавҳар баҳри хабаргирии пайвандон роҳи водиро пеш гирифтанд, як сари қадам ба Хуҷанд, ба хонадони Раҳим Ҷалил даромада, баъд ба Қӯқанд мерафтанд.

Боре Алмос – духтари Ғафур Ғулом ҳамроҳи падараш ба хонаи Раҳим Ҷалил рафта будааст. Вай нақл мекунад, мошини мо ба дами дарвозаи Раҳимака қарор гирифту падарам ҳанӯз аз мошин нафуромада: «Ҳой, кӣ ҳаст?» гӯён садо бароварданд. Чанд бача тозон баромад. «Ғафурамакамон омаданд!»

Дар гуна табассум, Розияапаву Раҳимака низ ба кӯча баромаданд. Вохӯрии ду адиб дидорбинии ду бародарро ба хотир меоварад.

Ба ҳавлӣ даромадем. Ман аллакай дугонаҳои худро ёфта будам. Ба болои кате, ки атрофаш бо гулҳо печонда шуда буд, ҷой андохтанд. Бо имои падарам савғотиҳои овардаамонро дароз кардам. Духтарон зуд дастпонаҳоро андохтанд, хурсандиашонро андоза набуд. Розияапа ба пухтупаз андармон гашт…

Мо, духтарон, барои он ки ба суҳбати падарҳо халал нарасонем, ба хонае даромадем, нисф тоҷикӣ, нисф ӯзбекӣ, чун гунҷишкакон чириққос мезадем.

Як номаи ба падарам навиштаи Раҳим Ҷалилро ҳанӯз эҳтиёт мекунем, идома медиҳад Алмосапа. «Муҳтарам Ғафур Ғулом! Имрӯз ману Розия ба Тошканди шариф наздик шуда истода, аз радио овози шуморо шунидем. Шумо ба пахтакору чорводорон насиҳат мекардед…»

Дар поёни нома «Раҳим Ҷалил. 24 феврали соли 1962» навишта шудааст.

Яке аз номаҳои шеърии Ғафур Ғулом ба Раҳим Ҷалил бо истифода аз санъати «ширу шакар» иншо шудааст:

*Ҷӯраи жонам Раҳимҷони*
*Ҷалил,*
*Бандага бир илтифоте*
*айлагил.*
*Меҳмон бӯлгил уйимга*
*як-ду рӯз,*
*Келину Пӯлоду Гулрӯ*
*бирла кел.*

Моҳи декабри соли 1962, вақте Алмос баъди табобат аз беморхонаи Маскав ба Тошканд баргашт, Раҳим Ҷалилу ҳамсараш бо духтарҳояшон хабаргирӣ меоянд. Боз Алмосапа аз он мамнуну миннатдор, ки вақте нахустфарзандаш ба дунё омад (соли 1963), Раҳим Ҷалилу Розияапа баҳри табрик ба Тошканд омаданд. Чун Ғафур Ғулом даргузашт, зану шавҳар зуд расида омаданд. Раҳим Ҷалил, об дар чашму нолаҳо дар дил, як пояи тобути дӯст ва бародари ҳамқаламашро бардошт.

Нависандаи халқии Тоҷикистон Раҳим Ҷалил ва артисткаи хидматнишондодаи Тоҷикистон Розия Арслонова, тавре ишора рафт, дар оиладорӣ низ ба дигарон мактаб буданд.

Дар бораи ҳамсари аввалаи Раҳим Ҷалил ҳам, ки Ҳалима ном дошт, суханҳои нек мегӯянд. Нависанда Ҷалол Икромӣ мегуфт, Ҳалима воқеан зани ҳалим буд…

Фарзандоне, ки Раҳим Ҷалил тарбия кардааст, раҳматовар шуданд. Аз писарҳо Манзур – академик, Шариф – доктори фан, Камол – матбаачии номдор, Пӯлод – рӯзноманигор, аз духтарҳо Фотима – духтур…

Хулоса, ҳама шахсони зиёӣ ва соҳибмаърифат. Чанд нафари онҳо, афсӯс, ҳоло дар қайди ҳаёт не.

***

Чун Розияхонум бонувони ба шавҳарашон фидоӣ бисёр, албатта. Вале раҳматӣ садоқат ва ғамхории хос дошт нисбати соҳиби сар. Писарҳо шӯхӣ кунанд ва директор падари онҳоро ба мактаб ҷеғ занад, Розияапа худро сипар мекард. Ба мактаб мерафт ва мегуфт: «Ҷазои бачаро худам медиҳам, илтимос, додош нафаҳманд!»

Ҳаракат мекард ҳар масъалаеро, ки боиси ташвиши хонадон шуданаш мумкин, худаш ҳал кунад. Намехост шавҳараш норохат шавад. Дилтаппону пурҳаяҷон такрор мекард: «Падарашон нафаҳманд!»

**Муҳаммадҷон**
**ШОДИЕВ**

Андешаҳо

# НЕСТ БОД БЕПАРВОӢ!

***Бо мушоҳида ва мулоҳизаҳои дуру дароз ба ин мақола чунин ном гузоштам. Зеро бюрократия, мансабпарастӣ ва бемасъулиятӣ нисбати рӯйдодҳои зиндагонӣ ба ҳаёти ҷомеаи мо бисёр зарар меоварад. Аз сабаби он ки, солҳои зиёд дар соҳаи таълим кор кардаам, зарари ин хислатҳои ношоистаро маҳз дар ин соҳа дарк намудаам.***

Дар ин хусус чанд сол пеш мақолае ҳам бо номи «Бачаро азоб надиҳем» навишта будам, ки дар «Овози тоҷик» чоп шудааст.

Мувофиқи тартиботи ҷорикардаи Вазорати таълими халқи ҷумҳурӣ дар мамлакат вобаста ба ҷойгиршавии миллии аҳолӣ дар мактабҳо бо ҳафт забон таълим дода мешавад. Дар маконе, ки аҳолиаш тоҷикзабон аст, аз ин сад сол пеш ҳам мактабҳои тоҷикӣ кушода шуда буданд. Ин гуна мактабҳо дар деҳаи Варзики мо низ фаъолият доштанд. Дар давоми солҳо аз як мактаби деҳа чор мактаби миёна ташкил ёфт. Аз ин 11-12 сол пеш дар ҳамаи мактабҳои деҳа таълим бо забони тоҷикӣ буд, чунки қариб тамоми аҳолии деҳа тоҷиканд.

Лекин тахминан солҳои 2014-2015 бо супориши даҳонии роҳбарони шуъбаи таълимии вилоят дар мактабҳои тоҷикӣ ва русӣ синфҳои ӯзбекӣ кушода шуданд. Ин супориши даҳонии роҳбаронро маъмурияти мактабҳо ба ҷо оварданд. Ҳамин тавр сол аз сол миқдори синфҳои таълимашон тоҷикӣ маҳдуд гардид, дар баъзе мактабҳо, ҳатто аз байн рафт.

Борҳо дар суҳбатҳо бо омӯзгорон мешунавам, ки ба донишкадаву донишгоҳҳо хатмкунандагони синфҳои тоҷикӣ бештар дохил мешаванд. Имрӯз ҳам дар факултаҳои филологияи тоҷики донишгоҳҳои Фарғона, Тошканд, Чирчиқ, Самарқанд, Бухоро, Тирмиз дастпарварони мактабҳои деҳа таҳсил доранд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки мактаббачагон берун аз дарс бо забони модариашон ҳарф мезананд. Чизи дигари аламовар он аст, ки дар синфҳои тоҷикии мавҷуда таълими баъзе фанҳо бо забони ӯзбекӣ мегузаштааст.

Дар бораи қашшоқии китобхонаҳои мактабҳо аз адабиётҳои бадеии тоҷикӣ гап назанем ҳам мешавад. Асарҳои адибони тоҷик дар онҳо башуморанд.

Муаллимро мо дар деҳот тарғиботчии маърифат медонем, вале имрӯз на ҳамаи муаллимон ба ин ном сазоворанд. Бисёри онҳо базӯр ба як номгӯй рӯзномаи соҳавӣ обуна мешаванду аз дигар рӯзномаҳо бехабар мондаанд.

Пурсиш аз дуконҳои савдои китоб (дар деҳа ду дукони китобфурӯшӣ ҳаст) нишон дод, ки муаллимон кам китобҳои бадеӣ мехаридаанд, ҳатто баъзеи онҳо ба дукони китобфурӯшӣ умуман надаромадаанд.

Имрӯз давлат барои баланд бардоштани сифату самараи таълиму тарбия ва мақоми муаллим чораҳои муфид меандешад. Вале на ҳамаи муаллимон ба ин ғамхории давлат ҷавоби шоиста медиҳанд. Дар соҳа пойдории забони миллӣ, ташаббускорӣ, масъулиятро ба зимма гирифтан мушоҳида намешавад. Ҳама фармону супоришҳои мақомоти болоиро интизоранд.

Алҳол мо бояд камбудиҳои пешинаро бартараф намоем. Зеро, агар кас аз ватан дур шавад, дар кишвари дигар ватан карда, ҳастии худро давом медиҳад, вале агар аз забонаш маҳрум монад, миллаташро гум мекунад.

**Назирҷон ЭРГАШЕВ,**
**ноҳияи Чусти**
**вилояти Намангон.**

Минбари донишҷӯӣ

***Пайдост, ки ҳар як инсон дар зиндагӣ орзуи хушбахт шудан дорад.***

# ХУШБАХТӢ

Вале хушбахтиро ҳар кас ба тарзи худ мефаҳмад. Он барои баъзеҳо пулу мол аст, барои дигарон саломатӣ, оила, дӯстӣ, муҳаббат... Аз назари мо хушбахтӣ, на танҳо доштани чизҳои моддӣ, балки эҳсоси оромии дил ва муҳаббати атрофиён аст. Хушбахт касест, ки ҳар рӯз субҳро бо табассум пешвоз мегирад, аз зиндагӣ лаззат мебарад, ба дигарон хайр мерасонад ва дар дил кина намепарварад. Мо метавонем аз чизҳои хурд низ хушбахтӣ ёбем, чунончӣ, муваффақият дар таҳсил ё як сухани гарми омӯзгор. Ҳатто кумак ба дигарон низ метавонад инсонро хушбахт кунад. Хушбахт касест, ки аз ҳар рӯз, ҳар лаҳза ва ҳар нафас шукр мекунад. Яъне хушбахтӣ таҷриба аз дирӯз, истифода аз имрӯз, умед ба фардост.

Мо ҳар рӯз, бо ҳар амали хуб, бо ҳар фикри нек ва бо шукргузорӣ хушбахттар мешавем. Агар дил соф бошаду ният пок, хушбахт хоҳем шуд. Беҳтарин роҳи хушбахт шудан хушбахт кардани дигарон аст. Хушбахтӣ бо сарвати зиёд не, бо меҳру муҳаббати зиёд меояд.

Хушбахт шудан осон аст, агар қадри зиндагии худро бидонем ва аз ҳар лаҳзаи он баҳра бурда тавонем. Хушбахтӣ на фақат гирифтан, балки додану бахшидан ҳам ҳаст. Хушбахт касест, ки аз он чи ки дорад, хурсанду розист.

Ман низ, хушбахттарини хушбахтон ҳастам. Чунки дар диёри офтобрӯям – Ӯзбекистон зиндагӣ мекунам. Ман хушбахтам, зеро миллату забони худро дорам. Забони модариам бо тамоми малоҳату фасоҳаташ, маро бо гузаштаам мепайвандад ва бо фарҳанги ғании халқам ошно месозад. Ман хушбахт ҳастам, зеро чашм дорам ва зебоии ҷаҳонро мебинаму мушоҳида мекунам. Гӯш дорам, ки садои модарро мешунавам. Қалб дорам, ки муҳаббатро эҳсос мекунам. Хушбахтам, ки падару модарам зиндаву саломатанд ва маслиҳатгару дуогӯйи мо – фарзандон мебошанд.

**Шаҳноза БОБОРАҶАБОВА,**
**донишҷӯйи курси сеюми бахши**
**забону адабиёти тоҷики ДДФ.**

ДАР ТАНИ СОЛИМ – АҚЛИ СОЛИМ

# РӮЗНОМАНИГОРОН ДАР ВАРЗИШ РАҚОБАТ КАРДАНД

***Таҳти ташаббуси кумитаи Иттифоқи касабаи рӯзномаамон дар мавзеи хушбоду ҳавои ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд мусобиқаҳои солимгардонӣ ва варзишии оммавӣ гузаронида шуд.***



Дар мусобиқа, ки бо мақсади тарғиби тарзи ҳаёти солим, оммавигардонии намудҳои варзиш ва пурмазмун ташкил кардани рӯзҳои истироҳатии кормандон ташкил гардид, ҳамкоронамон аз рӯйи намудҳои шашка, ҷаҳидан ба дарозӣ, тӯпандозӣ ба сабад, ба дарвоза даровардани тӯп ва ғайра рақобат карданд.

Дар анҷом аз рӯйи намудҳои варзиш ғолибон дар байни мардон ва бонувон муайян гардида, бо тухфаҳо мукофотонида шуданд.

– Ташкили чунин мусобиқаҳои варзишӣ дар канори табиат ҷиҳати солимгардонии ходимон аҳамияти калон дорад, – иброз дошт раиси кумитаи Иттифоқи касабаи рӯзнома Тоҷибой Икромов. – Зеро ходимон вақти бештари худро бо эҷод, дар паси мизи корӣ, бо кор дар компутер мегузаронанд ва дар аксар мавърид барои тарбияи бадан вақт ҷудо карда наметавонанд. Маҳз бо мақсади оммавӣ кардани намудҳои варзиш мусобиқаи солимгардониро гузарондем. Дар он кормандон фаъол иштирок карданд ва дар ҳадде худро обутоби ҷисмонӣ доданд.

Бояд гуфт, ки чунин мусобиқаҳо бо ҷалби кормандон мунтазам гузаронида мешавад.

**Ф. ЙӮЛДОШЕВ,**
**«Овози тоҷик».**
**Аксбардор: Т. ХОВАРӢ.**

Шодбош

# БА ТАМКИН МИСЛИ ДАРЁ БЕКАРОНАНД

***Тошқул Азимзода аз рӯйи ихтисос математик ҳастанд: хатмкардаи факултети механика-математикаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд. Тӯли солҳо дар мактаби зодгоҳ аз фанни математика дарс додаанд ва аз соли 1991 ин ҷониб дар идораи рӯзномаи вилоятии «Овози Самарқанд» фаъолияти босамар доранд.***



Имрӯзҳо Азимзодаро на танҳо дар муҳити адабии Самарқанд, балки дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳатто дар давлатҳои бурунмарзӣ ҳамчун рӯзноманигори ботаҷриба, адиби соҳибравия ва эҷодкори дақиқназар мешиносанд ва эҳтиром мекунанд.

Вақте хонанда ин чанд ҷумларо мехонад, аҷаб нест, ки дар ӯ саволе пайдо шавад: чӣ тавр омӯзгори математика тавонист дар ҷодаи эҷод ва касби рӯзноманигорӣ чунин муваффақ шавад?

Агар саҳифаҳои китоби умри ин марди ҳалиму хоксорро, ки дар тамкин – дарё, дар садоқат – беҳамто, дар меҳру муҳаббату сабурӣ – танҳоро варақ занем, аён мешавад, ки мавсуф аз айёми кӯдакӣ дилбастаи илму адаб будааст. Лаҳзаҳои фориғ аз дарс ва ё бекорӣ, зуд ба даст китоб ё рӯзномаву маҷаллаҳоро гирифта, аз пайи мутолиа мешудааст. Ва бо гузашти солҳо муҳаббати китобдӯстӣ дар дилаш ошён гузошта, рағбати ӯро барои навиштани мақолаву ҳикояҳо афзун намудааст. Андеша ва розҳои дилашро рӯйи коғаз оварда, пеши ҳамдеҳаи эҷодкори худ, нависандаи маҳбуб Болта Ортиқов бурдааст. Бо маслиҳати устод қаламиҳои хешро ислоҳ карда, такмил додааст ва ба рӯзномаи ҷумҳуриявии «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳоло «Овози тоҷик»), нашриёҳои Тоҷикистон ирсол кардааст.

Вақте аввалин ҳикояаш дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» (ҳоло «Анбоз») чоп мешавад, ин навид дар мактабу маҳалла ба маъное овоза мегардад. Устодони мактаб борҳо инро эътироф мекунанд. Аз ин истиқболи самимонаи ҳамкасбон ва дастгириҳои аҳли адаб дилгармии Азимзода ба эҷод афзуда, беш аз пеш аз пайи эҷод мешавад. Ҳикояҳо навишта, ба Қабулхонаи ҷамоатии рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» дар Самарқанд, воқеъ дар Осорхонаи Садриддин Айнӣ мебарад, маслиҳатҳои нависандагонро мегирад ва пайваста барои сайқали маҳорати эҷодӣ талош мекунад. Маҷмуаи нахустини «Хатои нисбӣ»-и Тошқул Азимзода, ки аз ҳикоя ва ҳаҷвияҳо фароҳам омадаанд, маҳз маҳсули фаъолияти эҷодии адиб дар ин солҳо мебошад.

Оре, аллакай дар ин солҳо Азимзода ҳамчун як чеҳраи нав дар фазои адабии Самарқанд, адиби ҷавони боистеъдоде, ки аз навиштаҳояш бӯйи умеди нек ба машом мезад, ном баровaрда буд. Аҳли адаб ӯро мешинохтанд, ба маҳфилу чорабиниҳои фарҳангӣ даъват мекарданд, ҳикоя ва қаламиҳояшро бо шавқ мехонданд.

Соли 1990 рӯзномаи «Овози Самарқанд» таъсис меёбад ва дар оғози фаъолият ҳайати таҳрир бо як қатор мушкилот, чун норасоии рӯзноманигорони ботаҷриба, кам будани хонаҳои корӣ, мизу курсӣ, мошинкаи чопӣ ва амсоли ин рӯ ба рӯ меоянд. Ин буд, ки соли 1991 бо тавсия ва дастгирии устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд Рауф Маъруфӣ эҷодкори хушқалам Тошқул Азимзодаро ба кор даъват мекунанд ва бо ҳамин риштаи тақдири як нафар омӯзгор бо кори матбуот мепайвандад.

Инак, беш аз 30 сол аст, ки ин марди нуктадон, рӯзноманигори соҳибравия дар вазифаҳои гуногуни рӯзнома кор карда, бо кӯшиши пурсамару заҳмати боровар баҳри пуробуранг намудани мавзӯю мундариҷаи рӯзнома, шевою зебо кардани забони матлабҳо, мустаҳкаму устувор нигоҳ доштани мавқеи «Овози Самарқанд» дар байни дигар нашриёҳо, алқисса, барои пешрафти кор ва тарбияи рӯзноманигору эҷодкорони ҷавон талош мекунад.

Бо як сухан метавон гуфт, ки Тошқул Азимзода рӯзноманигори дақиқназар аст ва ин беҳуда нест. Худ, ки математик мебошад, мехоҳад, ҳар як факту асноди қаламиҳояш, хоҳ он мақолаи танқидӣ аст ё тавсифӣ, хабар аст ё гузориш, очерк аст ё ки лавҳа, дақиқу амиқ бошад. Пеш аз омодасозии ҳар як мақола, паҳлуҳои мухталифи онро меомӯзад, таҳлил мекунад, сараро аз сақат ҷудо карда, баъд рӯйи коғаз меоварад. Саҳлангориро намеписандад ва ҳар як кори худро бо ҳисси масъулият анҷом медиҳад.

Тошқул Азимзода қариб нисфи ҳаёти худро ба кори рӯзнома бахшид. Нерую тавон, нури чашмон, хираду имкони хешро баҳри пуробурангӣ ва хонданиву шавқовар чоп гардидани рӯзнома сарф кард. Дар лаҳзаҳои мушкилтарин ҷамоаи рӯзномаро танҳо нагузошт. Дастгиру мададгор шуд. Метавон гуфт, ки аз бурди рӯзнома доимо болидаасту дар бохтҳои он ғамгин шудааст. Ҳамеша дар мавриди ояндаи рӯзнома меандешад, ба ҳар нафаре, ки камтар ба эҷод, китобу матбуот завқ дорад, ангеза медиҳад, то дар ин роҳ қадамҳои устувор гузорад ва дар оянда баҳри рушди матбуоти миллӣ саҳм гузорад.

Шояд аз мо суол кунед, ки ин адиби соҳибкитоб боз чӣ гуна китобҳоро рӯйи чоп овардааст? Тӯли солҳои фаъолият дар соҳаи матбуот танҳо чанд ҳикояро дар расонаҳо нашр кард ва доим батаъкид мегӯяд, ки «ҳама ҳикояҳои худро замони омӯзгор буданам навиштам. Кори газета одамро доим машғул медорад ва имкони эҷодро то ҳадде маҳдуд мекунад. Чанд ҳикояи нопурра дорам, ки солҳо боз анҷом дода наметавонам. Лек ният дорам, ки дар солҳои наздик маҷмуаи нави ҳикояҳои худро пешкаши аҳли адаб намоям».

Воқеан, ҳар субҳ, вақте Офтоб тулӯъ мекунад, Тошқул Азимзода ҷониби таҳририят мешитобанд. Мехоҳанд ҳар чӣ барвақттар ҷойи кор оянд. Ҳоло, ки кормандон наомадаанду таҳририят ором аст, бештар кор кунанд. Мақола нависанд, матлаби мухбиру муштариёнро таҳрир кунанд, такмил диҳанд.

Паси мизи корӣ нишаста, ручка ба даст мегиранд. Мақолаҳоеро, ки «солимтар»-анд, ба тартиб меоранд ва агар ба таҳрир бештар ниёз доранд, аз нав менависанд. Чанд ҷумларо таҳрир карда, дар чашми худ мондашавиеро эҳсос мекунанд ва пай мебаранд, ки айнакашонро нагузоштаанд. Зуд айнакро рӯйи чашм мегузоранд ва корро идома медиҳанд.

Як-як кормандон омада, аз Азимзода, ки ҳама «муаллим» гуфта эҳтиром мекунанд, дуо мегиранд. Баъдан меҳмону муштариён меоянд. Тошқул Азимзода ҳамеша онҳоро хуш истиқбол менамоянд. Агар кор бисёру ба сархорӣ вақт набошад ҳам, баҳри як дами суҳбати беғам вақт меёбанд. Лек агар домани суҳбат тӯл кашад, ба ҳамсуҳбат узру маъзури худро гуфта, меҳмонро бо меҳрубонӣ гусел менамоянд.

Воқеан, дар ин байн барои пайгирии ахбору навиди мамлакату давлатҳои ҷаҳон низ вақт меёбанд. Агар матлаби ҷолибу судманде пеш ояд, ҳатман онро тарҷума карда, пешкаши муштариён мекунанд, то онҳо низ аз он нафъ бигиранд.

Азимзода бо ин ҳама хислатҳои ҳамидаи хеш, чун хоксорӣ, ботамкинӣ, меҳнатдӯстӣ, дарёдилӣ, меҳрубонӣ, ғамхорӣ, фидокорӣ тавонистанд ба эҳтироми ҳазорон нафар сазовор гарданд ва ҳоло мавсуфро дар ҳар гӯшаву канори Самарқанд мешиносанд ва бигузор то садумин солгарди умрашон ҳамеша дар эҳтирому эъзозу эътибори дӯстону пайвандон ва мо шогирдон бошанд.

**Фаридуни ФАРҲОДЗОД.**

# ОЗМУНИ «ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ»

## *мақоми байналмилалӣ гирифт*

***Тӯли чанд сол боз дар Ҷумҳурии бародарии Тоҷикистон аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» гузаронида мешавад.***

Мақсад аз баргузории озмун баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, такмили захираи луғавӣ ва тақвияти ҷаҳони маънавӣ дар байни аҳолӣ мебошад.

То ҳол танҳо шаҳрвандони Тоҷикистон метавонистанд дар ин озмун ширкат намоянд. Чанде пеш ба низоми баргузории озмун барои соли 2025 тағйироту иловаҳо ворид карда шуд. Тибқи он, акнун озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» нуфузи байналмилалӣ гирифта, дар он хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистр, аспирант ва докторантҳо, ходимони илм), калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун, омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, кормандони фарҳангу санъат, новобаста аз шаҳрвандияшон метавонанд иштирок намоянд. Дар ин бора сафорати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон хабар додааст.

Бино ба ин маълумот, шахсони хоҳишманд метавонанд то 1 июли соли равон маълумоти зарурӣ, аз ҷумла ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, рақами телефон барои тамос, ҷузвдони номгӯи асарҳои хондашуда ва ғазалу дигар навъҳои шеърии азхудкардаи худро бо забонҳои тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ, англисӣ ва русӣ ба суроғаи электронии сафорати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон – **tajembuz@mfa.tj** ирсол намоянд. Инчунин, тавассути тамос бо шумораи **+998 93-256-42-12** дар ин бора метавонанд маъумоти бештар ба даст оранд.

Бояд гуфт, ки ин иқдоми наҷибу шоёни таҳсин мебошад ва дар баробари таҳкими робитаҳои фарҳангии Ӯзбекистону Тоҷикистон, барои дастгириву ҳавасманд кардани аҳли адаб, ҷавонони китобдӯст, суханварону сухандонҳо мусоидат мекунад.

**(Мухбири рӯзнома).**

# НЕРУГОҲИ ЧОТҚОЛИ ПОЁН ЧӢ ГУНА АФЗАЛИЯТҲО ДОРАД?

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

— Усули сохтмон ба усулҳои одии сохтмони сарбанд монанд аст, маснуоти бетонӣ дар рӯзҳои гарм бо ҳарорати пасти семент ва масолеҳи инертӣ тайёр карда мешавад ва аз сабаби дар бетони фишурдашуда мавҷуд будани иловаҳои махсус ҳарорати бетон ҳангоми гузоштан муътадил хоҳад буд. Ин ба гармшавӣ ва деформатсияи бетон роҳ намедиҳад, — иброз дошт роҳбари лабораторияи «Тӯпаланг ГЭС» Суннатулло Нуров. – Дар сохтмони неругоҳҳои барқии обӣ, бахусус дар корҳои сементсозӣ аз таҷҳизоти муосири ширкати ГЕРТЕК (Олмон) истифода мешавад. Ин технология ба таври автоматӣ барои сементкунӣ маҳлул тайёр карда, ба чоҳҳо медиҳад.

Бо мақсади татбиқи чорабиниҳои зидди селу обхезӣ дар тамоми дарозии сарбанд ва меҳвари он монтажи пардаи сементӣ давом дорад. Сохтмони туннел ба дарозии беш аз 650 метр ба охир расид. Корҳои асосии лоиҳакашӣ аз ҷониби ҶС «Гидропроект», ки ба сохтори ташкилии ширкат дохил мешавад, амалӣ мегардад. Гузашта аз ин, бо назардошти мураккабии раванд, ба корҳои лоиҳакашӣ ширкатҳои бонуфузи Туркия ва Эрон ҷалб карда шудаанд.

Сифат ва назорати корҳои асосии сохтмону монтаж бо таҷҳизоти истеҳсолкардаи яке аз фирмаҳои пешқадами ҷаҳон «МАТЕСТ» (Италия) ба ҷо оварда мешавад. Мавриди зикр аст, ки технологияи муосир ва пешрафтаи конвейери тасма, ки барои кашонидани бетони маҳлул пешбинӣ шудааст, танҳо дар 5 кишвари ҷаҳон – ИМА, Канада, Италия, Эрон ва Ӯзбекистон истифода мешавад.

Дар давраи сохтмон дар участкаҳо 1800 нафар коргарон дар 3 смена ҷалб карда шудаанд, ки ин ба ҳисоби миёна ба устувории моддию иқтисодии қариб 10 ҳазор нафар аъзоёни оилаи коргарон мусоидат мекунад.

Ҷанбаи дигари муҳими масъала ин аст, ки неругоҳҳои нави барқи обӣ на танҳо манбаи неруи барқ, балки барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ замина фароҳам меорад.

Бояд гуфт, ки ин лоиҳаи бузурги гидроэнергетикӣ барои таъмини аҳолии вилояти Тошканд бо нерӯи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва арзон хизмат хоҳад кард.

Тибқи нақша дар арафаи ҷашни Истиқлол ба истифода додани неругоҳи Чотқоли Поён дар назар аст.

**Гулҷаҳон КАБИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ТОШКАНД.*


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-528.
Адади нашр 3708. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.